«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________Ибодуллозода А. И.
«_05_»_____05_____ 2026

## ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992 - 2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020302 – таърихи умумӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти рақами 8/6.2 аз 28 феврали соли 2020 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии донишгоҳи мазкур иҷро гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон ба ҳайси ассистент ва докторанти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард.

Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон соли 2016 зинаи таҳсилоти бакалаврро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ. Тарҷумон-референти забони англисиро бо дипломи аъло ва соли 2018 зинаи таҳсилоти магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Бошқирдистон ба номи М. Акмулиро аз рӯйи ихтисоси иқтисоди ҷаҳон бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2019 то соли 2022 дар шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси таърихи умумӣ таҳсил кардааст.

Имтиҳонҳои тахассусиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимшо Искандаров мебошад.

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ (аз 29. 04.2026 суратҷаласаи №9) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои муасбат дода шуда ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар хусуси натиҷаи баррасии диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020302 – Таърихи умумӣ пешниҳод гардидааст, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, доираи масъалаҳои мавриди таҳқиқ ва самтҳои илмӣ ба шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқ мебошад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳур.** Мавзуи диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба самтҳои

афзалиятноки рушди илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла таҳқиқоти таърихӣ, мувофиқат менамояд.

Мавзуъ ба омӯзиши таърихи муосири Афғонистон, равандҳои сиёсӣ-низомӣ, мушкилоти давлатсозӣ ва таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ба вазъи сиёсии кишвар бахшида шудааст. Таҳқиқи масъалаҳои мазкур барои омӯзиши таърихи минтақа ва равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар маҷмуъ, мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, натиҷаҳои он барои рушди таҳқиқоти таърихӣ аҳаммияти муҳимм илмӣ доранд.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд. Мазмуни мақолаҳои илмии нашршуда ба мавзуъ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия мувофиқат намуда, масъалаҳои муҳимми дар диссертасия баррасишударо фаро мегиранд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат он.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Таърихи кишварҳои форсизабон», «Таърихи умумӣ», «Кишваршиносӣ» ва ғайра метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Довталаб Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар таҳияи диссертатсия саҳми мустақилона ва назаррас гузоштааст. Муаллиф маводи зарурии таърихӣ ва илмиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, равандҳои сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозиро дар Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ба таври пайгирона мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди таҳқиқот довталаб масъалаҳои асосии мавзуъро мустақилона муайян намуда, сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро таҳлил ва натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст кардааст. Мавқеи илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида натиҷаи таҳқиқоти мустақили муаллиф буда, саҳми шахсии ӯро дар ҳалли масъалаҳои мавриди омӯзиш инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, саҳми довталаб дар таҳияи диссертатсия мустақилона буда, натиҷаҳои бадастовардаи ӯ дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошанд.

Навгонии илмии диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар он ифода меёбад, ки бори нахуст равандҳои асосии сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 дар доираи як таҳқиқоти мукаммали илмӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ хусусиятҳои вазъи сиёсӣ-низомии Афғонистон, омилҳои дохилӣ ва хориҷии таъсиррасон ба равандҳои сиёсӣ, ташаккули сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва мушкилоти давлатсозиро таҳлил намуда, робитаи байни равандҳои сиёсӣ ва низомиро дар давраи мавриди таҳқиқ муайян кардааст.

Ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқот дар он аст, ки нақши омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар рушди вазъи сиёсию низомии

Афғонистон ва таъсири онҳо ба раванди давлатсозӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада тасаввуроти илмиро оид ба таърихи сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 такмил дода, барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихи муосири Афғонистон ва равандҳои сиёсии минтақа аҳаммияти муҳимми илмиро доро мебошад.

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқ мебошад. Мавзуи диссертатсия ба бандхои шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020302 – Таърихи умумӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиёт иборат мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертасия дар 10 мақолаи муаллиф, ки 5 адади он дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсинии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда ба табъ расидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Искандаров, Қ. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон дар охири асри XX ва оғози асри XXI [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.100-102. ISSN 2074-1847

[2-М]. Искандаров, Қ. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров,

Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С.216-220. ISSN 2219-5408

[3-М]. Абдусаматов, Б.Б. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳ дар Афғонистон [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С.258-261. ISSN 2219-5408

[4-М]. Абдусаматов, Б.Б. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши низоъҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва таъсири онҳо дар низомӣ давлатдорӣ [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С.283-287. ISSN 2219-5408

[5-М]. Абдусамадзода А.Б. Эҳё ва бозгашти дубораи ҳаракати «Толибон» ба қудрати сиёсӣ [Матн] / А.Б.Абдусамадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. – №2. – С.96-101. ISSN 2074-1847

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-М]. Абдусаматов, Б.Б. Роль Республики Таджикистан в поиске решения афганской проблемы (1992–2021 гг.) [Текст]/ Б.Б.Абдусаматов // Наука и современное образование: актуальные вопросы, достижения и инновации, Сборник статей III международной научно-практической конференции, состоявшейся 30 октября 2021г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.34-38.

[7-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмад Шаха Масуда за единство в Афганистане[Текст] / Б.Б.Абдусаматов // Интеграция науки в условиях глобализации и цифровизации XIII международной научно-практической конференции 29 сентября 2021. в г. Ростов-на-Дону. – Ростов на Дону, 2021.– С.259-261.

[8-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмада Масуда против внутренних и внешних врагов Афганистана за единство страны[Текст] / Б.Б.Абдусаматов // Инновационная парадигма развития современных

гуманитарных и общественных наук. Сборник статей III Международной научно-практической конференции, состоявшейся 11 ноября 2021 г.в г. Петрозаводск. –Петрозаводск, 2021. – С.117-122.

[9-М]. Абдусаматов Б.Б. Жизнь и политическая деятельность профессора Бурханиддина Раббани [Текст] / Б.Б.Абдусаматов // Международный центр научного сотрудничества «Наука и просвещение» Сборник статей XXXIV Международной научно-практической конференции, состоявшейся 7 декабря 2021 г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.83-85.

[10-М]. Абдусамадзода А.Б. Систематическое нарушение прав человека в Афганистане после прихода талибана к власти (2021 –2025): анализ и международные реакции [Текст] / А.Б.Абдусамадзода // Международный центр научного сотрудничества «Наука и просвещение» Сборник статей VII Международной научно-практической конференции, состоявшейся 25 июля 2025 г. в г. Пенза. – Пенза, 2025. – С.116-120.

***Қарор қабул карда шуд:***

1.Диссертатсияи доктор (PhD)-и Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020302 – таърихи умумӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992 -2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020302 – таърихи умумӣ ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 29 апрели соли 2026 таҳти № 9 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарори № 9 аз 29.04.2026 с.

Мудири кафедраи таърихи умумӣ
ва муносибатҳои байналхалқии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
д.и.т., профессор Ҳусайнов А. Қ.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои таърих Мирзоев Ф.А.

Имзоҳои А.Қ. Ҳусайнов, Ф.А.Мирзоевро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

"30" 04 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj